# Шарҳи моҳонаи таваррум • Декабри 2020

**Дар моҳи декабри соли 2020 сатҳи таваррум[1] нисбат ба моҳҳои қаблӣ (октябр ва ноябр) раванди нисбатан муътадил дошта, ба 0,4 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли қаблӣ 0,4 банди фоизӣ (б.ф.) паст мебошад.**

Таварруми ҳосилшуда асосан аз ҳисоби афзоиши нархи маҳсулоти хӯроквории 0,4 фоиз, молҳои ғайрихӯроквории 0,6 фоиз ва нарху тарифҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,2 фоиз ба амал омад.

Дар сохтори маҳсулоти хӯроквории бештар қиматшавии нархи маҳсулоти серистеъмоли аҳолӣ, аз қабили гӯшти гӯсфанд 0,3 фоиз, шир 5,5 фоиз, **равғани пахта 6,5 фоиз, равғани офтобпараст 4,5 фоиз,** себ 2,2 фоиз, нок 6,8 фоиз, ангур 28,4 фоиз, помидор 8,2 фоиз ва бодиринг 6,2 фоиз ба қайд гирифта шуданд, ки раванди мазкур вобаста ба таъсири омилҳои берунӣ, мавсимӣ ва дигар маҳдудиятҳо ба вуқӯъ пайваст.

Дар баробари ин, коҳишёбии нархи баъзе аз маҳсулотҳои хӯроквории низ ба қайд гирифта шуд. Аз ҷумла, нархи орди навъи якум 3,5 фоиз, гӯшти гов 0,5 фоиз, шакар 0,6 фоиз, тухм 0,4 фоиз, пиёз 3,4 фоиз, сабзӣ 2,0 фоиз ва карам 4,3 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Дар давоми соли 2020 афзоишёбии нисбии нархи маҳсулоти ниёзи аввалия на танҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки дар кишварҳои шарикони асосии савдо низ (аз қабили Русия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон) вобаста ба таъсири пандемия ва ба ин васила зиёд шудани талабот ба қайд гирифта шудааст.

Аз молҳои ғайрихӯроквории бошад, дар моҳи декабри соли 2020 бештар қиматшавии нархи сӯзишвории сахт 2,9 фоиз (бахусус ангишт 3,1 фоиз), маводи сохтмонӣ 0,1 фоиз ва бензини навъи АИ-92 0,7 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Нарху тарифаҳои хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ бошад, асосан дар натиҷаи қиматшавии нархи хизматрасонии маишӣ ба андозаи 1,4 фоиз (таъмири пойафзол, мебел, воситаҳои нақлиёт, таҷҳизотҳои маишӣ, шустушӯи қолинҳо ва ғайра) ба вуқӯъ пайваст.

**Ҳамин тариқ, таваррум дар соли 2020 ба 9,4 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба соли қаблӣ 1,4 б.ф. зиёд мебошад.**

**Таварруми моҳона ва солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Тағйирёбии намояи нархи шакар ва равғани пахта, бо % моҳона**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таварруми солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)



Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки сабаби аз доираи ҳадафи муқарраршуда баромадани сатҳи таваррум, асосан омилҳои мавсимӣ, фишорҳои берунӣ ва таклифотии вобаста ба авҷ гирифтани пандемияи коронавирус (COVID-19) арзёбӣ мегардад, ки дар натиҷа ба кам гардидани пешниҳоди баъзе аз маҳсулоти асосии хӯрокворӣ (шакар, равғани растанӣ ва болоравии нархи онҳо дар кишварҳои содиркунанда), маҳдуд шудани тиҷорати байналхалқӣ ва паст шудани сатҳи рақобатнокӣ дар бозорҳои дохилӣ замина гузошт.

Сатҳи таваррумы аслӣ, ки дар худ омилҳои монетариро нисбатан инъикос менамояд, дар моҳи декабри соли 2020 0,6 фоизро ташкил намуд. Дар соли 2020 бошад, ба 4,7 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба соли қаблӣ 2,5 б.ф. зиёд мебошад. Ба ин раванд бештар болоравии нархи маҳсулоти тайёри хӯрокворӣ (аз қабили равғани растанӣ ва маҳсулоти тайёри нонӣ) саҳмгузорӣ намуданд.

**Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани фишорҳои иловагӣ ба сатҳи таваррум бо истифода аз воситаҳои монетарӣ татбиқи сиёсати мутавозуни пулию қарзиро идома хоҳад дод.**

**Таваррумы солона, бо %**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Таваррумы аслии солона, бо %,**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




[1] - тибқи маълумоти Агентии омор

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таваррум солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | | | | 2020 | | | | Декабр моҳона бо фоиз |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Март | Июн | Сентябр | Декабр | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизатрасонӣ** | **100,0** | **5,1** | **6,1** | **6,7** | **5,4** | **7,8** | **8,7** | **8,1** | **8,0** | **9,3** | **8,4** | **6,6** | **9,4** | **0,4** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **50,4** | **3,8** | **6,4** | **7,7** | **4,9** | **10,2** | **13,5** | **11,9** | **11,4** | **13,5** | **12,4** | **7,6** | **13,5** | **0,5** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,3 | 9,1 | -2,5 | -0,8 | 8,9 | 19,7 | 18,8 | 16,1 | 16,5 | 13,5 | 25,3 | 15,1 | 13,8 | -1,8 |
| Биринҷ | 2,6 | 11,6 | -9,2 | -6,9 | 19,5 | 22,1 | 24,8 | 15,3 | 7,6 | 4,0 | -0,5 | -0,4 | 3,2 | 0,1 |
| Орд | 9,0 | 7,8 | -3,0 | 0,3 | 9,9 | 25,3 | 22,1 | 19,7 | 21,0 | 17,3 | 36,7 | 19,0 | 16,4 | -3,5 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 8,4 | -10,2 | 3,7 | 13,8 | 8,6 | 10,4 | 18,0 | 22,9 | 21,8 | 20,6 | 12,3 | 5,9 | 5,7 | -0,5 |
| Гӯшти гов | 5,3 | -14,3 | 3,2 | 14,7 | 8,9 | 11,4 | 21,8 | 27,2 | 25,9 | 25,2 | 14,0 | 5,7 | 6,2 | -0,5 |
| Тухм | 1,4 | 5,5 | 12,0 | 1,0 | 3,9 | 6,6 | 6,0 | 3,1 | 6,3 | -5,1 | -0,1 | -2,1 | 18,9 | -0,4 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,7 | 7,3 | 0,4 | 4,4 | 4,1 | 3,1 | 4,8 | 4,3 | 6,4 | 6,7 | 8,1 | 7,6 | 4,3 | 1,8 |
| Шир | 0,5 | 16,1 | -7,2 | 6,3 | 1,3 | 0,0 | 2,7 | 6,7 | 7,3 | 11,0 | 13,0 | 8,1 | 5,6 | 5,5 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 5,1 | 12,7 | 11,3 | 1,3 | 9,2 | 10,4 | 5,2 | 0,6 | -1,7 | 0,5 | 6,4 | 7,2 | 42,3 | 5,1 |
| Меваҷот | 3,8 | 12,3 | 16,7 | -1,8 | 4,0 | -4,0 | -15,5 | -5,4 | -2,2 | 12,1 | 18,6 | 11,5 | 4,7 | 6,8 |
| Сабзавот | 7,6 | -12,4 | 16,5 | 40,2 | -10,7 | 3,7 | 33,1 | 15,0 | 15,4 | 29,9 | 3,0 | -3,0 | 5,8 | 0,2 |
| Шакар | 2,2 | 19,3 | 15,0 | -6,7 | 2,7 | 5,7 | -0,6 | 3,4 | -5,1 | -0,2 | -2,0 | 13,1 | 40,8 | -0,6 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,3 | 13,7 | 19,9 | 1,6 | 2,8 | 5,1 | 6,2 | 6,7 | 8,1 | -0,8 | -0,2 | -2,1 | -2,2 | 0,7 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **14,9** | **19,9** | **2,7** | **8,0** | **6,7** | **8,1** | **7,3** | **3,0** | **3,0** | **2,9** | **6,2** | **5,9** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,5** | **15,9** | **11,8** | **6,2** | **5,4** | **3,8** | **3,5** | **0,9** | **1,0** | **1,9** | **3,2** | **5,0** | **5,0** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **30,6** | **7,9** | **5,7** | **4,4** | **6,4** | **6,3** | **4,7** | **4,1** | **4,2** | **5,0** | **3,9** | **5,8** | **5,8** | **0,5** |
| Либос ва пойафзол | 10,4 | 9,2 | 14,5 | 9,2 | 5,6 | 14,7 | 13,5 | 14,4 | 13,4 | 4,2 | 3,8 | 4,1 | 4,5 | 0,7 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,5 | 2,2 | -0,9 | 2,4 | 7,3 | 6,0 | 5,2 | 4,9 | 4,9 | 5,5 | 6,5 | 8,0 | 8,0 | 0,1 |
| Маводи шустушӯй | 1,7 | 15,5 | 1,2 | 4,0 | 6,2 | 7,0 | 9,0 | 6,3 | 3,3 | 2,9 | 5,0 | 7,0 | 10,1 | 0,0 |
| Доруворӣ | 2,9 | 24,7 | 14,1 | 1,0 | 10,4 | 6,4 | 18,1 | 10,8 | 13,0 | 16,5 | 11,9 | 12,6 | 7,8 | -0,2 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,1 | -7,0 | 2,9 | 27,7 | 12,2 | 5,4 | -10,6 | -9,1 | -5,7 | 4,2 | -16,5 | -1,2 | -6,1 | 0,4 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | 19,0 | 3,0 | 0,9 | -8,4 | -5,0 | -12,7 | -18,0 | -9,9 | -2,1 | -2,7 | 14,8 | 14,8 | 2,9 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | -2,0 | 0,0 | 0,0 | 5,2 | 8,1 | 0,4 | 1,5 | 0,8 | -0,7 | 2,7 | 2,8 | 3,2 | 0,2 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,6 | 7,6 | 7,1 | 8,6 | 8,3 | 8,5 | 4,9 | 4,1 | 3,8 | 2,9 | 8,4 | 7,5 | 8,8 | 0,2 |
| **Хизматрасониҳо** | **15,4** | **2,2** | **4,5** | **7,7** | **4,9** | **3,4** | **1,3** | **3,7** | **5,5** | **4,7** | **5,0** | **5,0** | **4,0** | **0,2** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,4 | 3,2 | 9,8 | 17,5 | 10,8 | 12,3 | 3,2 | 15,7 | 9,1 | 11,0 | 7,5 | 4,9 | 1,8 | 0,5 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 14,3 | 0,0 | 0,0 | 5,0 | 6,5 | 3,3 | 2,9 | 2,8 | 1,3 | 1,3 | 2,8 | 6,0 | 2,5 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,7 | 20,1 | 5,1 | 9,1 | 9,4 | 8,7 | 8,2 | 8,2 | 4,3 | 1,1 | 0,6 | 0,6 | 0,0 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,0 | 0,0 | 16,3 | 14,7 | 14,9 | 14,6 | 14,4 | 32,9 | 16,2 | 16,2 | 16,2 | 0,0 | 0,7 | 0,7 |
| Оби гарм | 0,0 | 14,6 | 0,0 | 0,0 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 1,5 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,6 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -6,3 | 3,4 | 40,1 | 6,2 | 14,1 | -23,3 | -15,8 | -5,9 | 5,9 | -9,3 | 28,1 | 4,0 | -1,1 |
| Нақлиёт | 4,1 | -2,3 | -1,4 | 2,8 | 2,9 | -2,4 | -0,2 | -8,8 | 3,7 | -1,4 | 0,9 | 4,6 | 3,0 | 0,0 |
| Алоқа | 1,6 | 0,8 | 0,0 | 1,3 | 0,1 | 0,0 | 0,1 | 0,2 | 0,1 | 0,2 | 8,5 | 8,6 | 9,0 | 0,1 |
| Маориф | 1,7 | 2,6 | 11,3 | 5,3 | 0,3 | 0,7 | 0,7 | 2,0 | 1,5 | 1,6 | 1,6 | 7,7 | 9,3 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 0,9 | 14,0 | 1,9 | 1,7 | 1,3 | 0,0 | 0,0 | 15,4 | 15,6 | 15,6 | 16,0 | 0,5 | 0,4 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 12,3 | 5,2 | 1,1 | 3,3 | 3,2 | 3,2 | 5,3 | 3,8 | 4,4 | 3,1 | 2,6 | 6,7 | 1,4 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.
** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо